# Бозтоби саноати Эрон дар Тошканд

**Аз 3 то 6-уми августи соли ҷорӣ дар «ЎзЭкспоМарказ»-и Тошканд намоишгоҳи махсуси «Технологияҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Исломии Эрон» барпо шуд, ки дар он асосан корхонаҳои остони Хуросон ширкат доштанд. Дар назар аст, ки то соли 2005 қисмҳоиэҳтиётии мошинҳои корхонаи «ЎзДЭУавто 70 фоиз дар дохили мамлакат истеҳсол гардад. Мавзӯи ҳамкории корхонаҳои Эрон маҳз дар таъсиси корхонаҳои муштарак ва сармоягузорӣ ба ин соҳа дар мулоқоти президентони ду кишвар дар Теҳрон моҳи июни соли ҷорӣ бозтоб гардида буд. Созмондиҳандагони намоишгоҳ корхонаи муштараки «Дунё М.», ширкати намоишгоҳии байналмилалии «Хуросон» ва сафорати Эрон дар Ўзбекистон аз ин ҳадафҳо пайгирӣ намуданд. Намоишгоҳи номбурда аввалин чунин тадбире буд дар ин роҳ, ки матолиби саҳифаи мазкури «Овози тоҷик» аз он ҳикоя мекунад.**

Деворахои намоишгоҳ ба боздидкунандагон дар хусуси ҳамсоякишвари мо маълумоти кофӣ пешниҳод мекард, ки бо чунин густурдагӣ ва фарогирӣ бори аввал дар Ўзбекистон маҳсулоти саноатии худро арза медорад. Ва манзараи кишвари бузург аз он ки аксарияти ширкатҳо худро аз остони Хуросон муаррифӣ мекарданд, коста намешуд. Ва ин остон ҳам аз бузургтарин қисматҳои мамлакат мебошад. Бидонем, ки маркази маъмуриву саноатии Хуросон шаҳри Машҳад аст, пас зуд бояд дарк намоем, ки шаҳраки Сарахс—ин шаҳри ошнои минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳудуди он ҷойгузин буда, ҳоло дар минтақа ба нақши бориз ва муҳиме довталабӣ мекунад. Маҳз аз тариқи он борҳои Ўзбекистон содир гардида, ба василаи Бандари Аббос ба кишварҳои дур роҳ пеш мегирад. Ва ҳамчунин ба Ўзбекистон аз тариқи ин «дарвозаҳо» аз хориҷ бор мерасад.

Манзараи Сарахс ба муносибати сохтмони роҳи оҳани Таҷан—Сарахс—Машҳад куллан тағир меёбад. Ин ҷо минбаъд чорроҳаи бузурги нақлиёт хоҳад гардид, ки дар ин қитъа на танҳо давлатҳои минтақа, балки бидуни муболиға маҳалли баҳамоии Ғарбу Шарқ низ мегардад. Дар минтақаи назди сарҳад маҳалли вижаи озод дар замини 5200 гектар доман паҳн мекунад, ки дар он корхонаҳои «ҳайтек», соҳаҳои дигари технологияи асрӣ ва илмӣ, анборҳо, бозорҳои умдафурӯшӣ созмон дода мешавад. Зимни сафари Ислом Каримов ба Эрон иштироки Ўзбекистон низ дар бунёди ин ҳудуди озоди вижа, ҷой додани анбору терминалҳои мо ба хотири соддатар намудани содирот ва арзонтар кардани харҷи воридот ба мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Тибқи қонуни минтақаҳои озоди махсус ҳукумати Эрон имтиёзоти зиёди молиётӣ таин намуда, барои сармоягузорониояндаи Сарахс кафолатҳои ногузир вогузоштааст. Имрӯзи минтақаи махсус дар таблоҳои намоишгоҳ аёнан гузошта, мавриди таваҷҷӯҳи бинандагони Ўзбекистон қарор гирифт.

Дар намоишгоҳ равғани рустаниву ҳино, кошиву техникаи санитарӣ, зарфҳои гуногуни рӯзгору шишаҳои муқаррароти мухталиф барои бинандагон гузошта шуда буд. Ин анвои маҳсулот, ки ба василаи замонавитарин технологияҳо тавлид гаштаанд, ба истеъмолгарони мо хуб ошноянд. Бештар аз ҳама ғурфаҳои намоиши қатъаот ва лавозими автомобилҳо буд, ки ҳоло истеҳсоли он Эронро ба давлати қудратманди мошинсоз мубаддал месозад. Дар маркази толори рақами чоруми «ЎзЭкспоМарказ» худравҳои сохти ватании «Пежо-206» ва «Саманд»-у «Порс» гузошта шуда буданд. Ва ҳоло боиси тааҷҷуб нест, агар дар роҳҳои Осиёву Урупо «Рено»-ву



Мудири умури байналмилалии ширкати намоишгоҳии «Хуросон» **Аббос Алии ХОКСОР** аз кори намоишгоҳ қаноатманд буд.

«Пежо» ва ё «Мерседес»-ҳои сохти Эронро дучор оем.

Эрониҳо дарк кардаанд, ки ё бояд ҷиддан кор кард ва ё умуман аз кор барканор буд. Кондитсионеру дастгоҳҳои гармидиҳӣ, велосипедҳои бачагона, ки дар салон буданд, бо тарҳи ҷадиди худ фарқ мекунанд ва аз ин боис боздидкунандагон дар атрофи онҳо зиёд мегаштанд. Сифати онҳо бошад, ба андозаҳои имрӯзи ҷаҳонӣ ҷавобгӯянд. Айни ҳамин ҳарфҳоро дар хусуси қатъаоти мошинҳо метавон гуфт. Як мисолро далел овардан кофист: дар моделҳои мошини «Феррарӣ»-и сохти Италиё аз пешу ақибу паҳлу шишаҳои ширкати эронии «Шишаи Кова» истифода мегардад. Ва чандин корхонаи дигари урупоӣ лавозими мошинро аз ин кишвар харид менамояд.

Лиҳозо маҳсулоти намоишгоҳи мазкур, сӯҳбатҳои зиёд бо намояндагони тиҷорати хурду миёнаи Эрон баъзе аз ҳамватанони моро барои боз ҳам робитаи қавӣ барқарор намудан илҳо намуд. Аллакай чандин протоколҳои тааҳҳуд ба имзо расида, мулоқотҳои мушаххас баргузор шуда, мавқеъҳо равшан гардиданд. Тоҷирони Ўзбекистонро на танҳо лавозими худравҳои саворӣ, балки барои мошину автобусҳои гаронвазн ва техникаи кишоварзӣ низ ҷалб сохтанд.

—Ман бо нияти таъсиси корхонаи муштарак омадам, —мегӯяд сарпарасти корхонаи «Ленти тормози Эрон» Маҳмуд Аскарӣ, ки тормозу василаҳои онро истеҳсол мекунад.—Чандин коршиноси шумо ба маҳсулоти корхонаи мо таваҷҷӯҳ зоҳир намуданд, ки мехоҳанд онҳо дар Ўзбекистон низ истеҳсол карда шаванд. Мо дар канори шаҳри Тошканд як биноро дидем, ки майдони он барои ба роҳ гузоштани истеҳсолот имкон медиҳад. Мо метавонем ба ин ҷо таҷҳизоту технологияи худро оварем.

Равшан аст, ки ҳоло дар Ўзбекистон тиҷорати хурд аз дастгирии давлат бархурдор аст ва аз ин рӯ ҳар як чунин имконот барои истифода аз он фурсат медиҳад.

**Озод ПИРИМОВ,**
**иқтисоддон.**



«Чинии Мақсуд» аз ширкатҳои тавлидкунандаи зарфҳои чинӣ аст.

# «Хӯшае аз хирвор»-ро диданд

***Намоишгоҳ зарфият ва имконоти саноати мошинсозӣ ва хусусан қатъасозии (қисмҳои эҳтиётӣ) Эронро нишон дод ва бо вуҷуди он ин ҳама «хӯшае аз хирвор» буд, ки бинандагон диданд. Маълумот ва таассуроти бештару муфассалтарро дар байни ҳайати эронӣ танҳо аз Саид Муҳаммади БАҲРАЙНИЁН, ки узви ҳайати мудирони Анҷумани созандагони қатъаот ва лавозими худрав (мошин)-ҳои кишвар ва ҳам мудири омили ширкати «Туклон Тӯс» аст, ба даст овардан мумкин буд.***



**—Оқои Баҳрайниён, оё зарурате буд, ки чунин анҷуман, ки узви ҳайати мудирони он ҳастед, созмон дода шавад? Анҷуман дар чӣ заминаҳо фаъолият мекунад?**

—Анҷумани қатъасозони Эрон барои корхонаҳои худравсозӣ ва ҳам таъмини бозори он маҳсулот тавлид менамояд, ки ин хеле аз соҳаҳои муҳими саноати худравсозӣ мебошад. Анҷумани мо аз соли 1994 инҷониб фаъолият дорад ва ҳоло 430 ширкати тавлидӣ узви ин анҷуман аст. Дар ҷиҳати ҳимоят аз онҳо ва ҳам кӯмаку ҳидояти технологӣ ва мудирият барои ширкатҳои узви худ кӯмакҳои назаргирро арза медорад. Дар ниҳодҳои давлатӣ ва муассисаҳои мутасаддӣ, ки аз лиҳози меъёриву қонунӣ бо саноати худравсозӣ иртибот доранд, бо ҳадамоти машваратии худ саҳм мегирад. Дар таҳияву ислоҳ ва таҳрири санаду меъёрҳои ҳуқуқии қонунҳо, ки аз ин ё он ҷиҳат бо саноати худравсозӣ ва қатъасозӣ тааллуқ мегиранд, ширкат менамояд.

Анҷумани мо комилан хусусӣ ва ғайридавлатӣ буда, 25 ҳазор нафарро дарбар мегирад.

Намоишгоҳи Тошканд маҳз бо тавсияи Анҷумани худравсозӣ ва лавозими қатъасозии мо тавассути миқдори маҳдуди ширкатҳои соҳа барпо гардид, ки танҳо бахши кӯчаки онҳо дар ин намоишгоҳ ҳозир буданд, зеро ин аввалин чунин арза доштани тавлидоти маҷмӯи худравсозии Эрон буд.

**—Имрӯз чӣ қадар ниёзи дохилии бозори мамлакатро соҳаи қатъасозӣ таъмин мекунад?**

—Ҳоло бисёре аз қисмҳои эҳтиётии сохти ширкатҳои мо бар иловаи он ки бозори дохилиро таъмин менамояд, ба хориҷ низ содир мегардад.

Имрӯз аз 80 то 85 фоизи мошинҳои истеҳсоли Эрон—«Пежо», «Рено», «Прайд», «Маздо», микроавтобусҳо ва мошинҳои боркаши «Мерседес-Бенс» бо қатъаоти сохти ширкатҳои дохилӣ таъмин мегарданд. Худравҳои нави мисли «Максима», «Ситроен», «Пежо-206» дар ҳоли ҳозир дар ҳудуди 20 фоиз бо қатъаоти сохти эронӣ таъминанд, ки ин то соли оянда ба 40-50 фоиз мерасад. Ва хушбахтона ба далели тавонмандӣ ва потенсиали дохилии қатъасозӣ қудрати дастёбии дарсадҳои сохти дохилиро доро мегардад.

**—Оё Шумо имкон доштед, ки ниёзу бозори Ўзбекистонро мутолиа намоед ва эҳтиёҷоти онро мушаххас кунед?**

—Бозори Ўзбекистон ниёз ба эҷоди ширкатҳои дохилии худ барои бакоргирии зарфияти кишвари бузургашро дорад, то зимни эътимод ва боварӣ ба худ бо суръат қатъасозиро барои зарурати дохилӣ ба анҷом бирасонад. Қатъасозони Эрон ба далели равобити фарҳангӣ ва амиқ ва ҳамчунин бо истифода аз алоқамандии ду ҷониб истифода намуда, бо эътимод ва дониш таҷрибаи худро дар ихтиёри мардуми азизи Ўзбекистон қарор бидиҳад. Тавоноӣ ва зарфияти бо қатъаот таъмин намудани мошинҳои тавлиди кишвари Ўзбекистонро дорем ва барои тавлиди он дар Ўзбекистон технологияи муносиб ва рӯзомадро ҳам соҳибем. Ва ин вобастагӣ дорад ба тамоилу хости ҷониби Ўзбекистон, ки тасмими ба коргирии ин потенсиалро дошта бошад.

**—Вазъи тавлиду бозори худравҳои Эрон дар ҳоли ҳозир чӣ гуна аст ва чӣ таҳаввулоте ба сар дорад?**

—Ҳоло ба далели ниёзҳои фавқулодда зиёди дохилӣ ва ҳамчунин иваз намудани худравҳои фарсудашудаи мамлакат тавлиди онҳо зиёд мегардад. Мувофиқи қонунҳои нави давлати Эрон барқарорнамуда худравҳои олудакунандаи муҳити зист бо моделҳои нав бояд ҷой иваз намоянд. Ва ба ин васила ҳама мошинҳои кӯҳнасохти олудасози муҳити зист аз ҳалқаи истифода берун мегарданд. Имрӯз дар қаламрави кишвар беш аз 2 млн. мошин умри болотар аз бист сол доранд. Чунин корҳо ба туфайли вуҷуд надоштани сармоягузориҳои кофӣ пас аз инқилоб ва дар тӯли солҳои ҷанг бо Ироқ татбиқ нагардиданд. Хушбахтона, баъдтар барои даҳсолаи 1989-99 давлат барои рушди соҳа 950 млн.доллар сармоя ҷудо кард. Дар натиҷа имрӯз дар мамлакат соле то 750 ҳазор худрав истеҳсол карда мешавад. То соли 2005 ин рақам бояд то ба 1 млн. расад.

Боз ҳам барои ҳарчи зудтар аз истифода кашидани мошинҳои фарсуда давлат онҳоро мехарад.

**—Ва умуман ин соҳа дар Эрон кай ва аз чӣ оғоз ёфт, ки имрӯз беш аз 50 навъ мошини саворию сангин тавлид мекунад?**

—Аввалин худрав дар Эрон 40 сол қабл аз ин монтаж гардид. Онҳо ФИАТ ва «Ҳилмон»-и хонаводаи «Крайслер» буданд. То соли 1989 бештар коре, ки дар мошинсозӣ анҷом мегирифт, аксаран иртибот дошт бо банду басти онҳо. Аз ин боис сармояҳои соҳа беҳуда мемонд. Пас аз соли 1989 саноатгарони Эрон ҳиммат карданд ва қудрати худро ба истеҳсоли қатъаоти худрав сафарбар намуданд.

Аз он ки имрӯз 85 фоизи лавозими мошинҳоямон дар дохили мамлакат тавлид мегардад, ҷанбаи стратегӣ низ дорад, зеро аз ҳар гуна тағироти бархӯрдҳо бо кишварҳои хориҷ соҳа метавонад ҳаросе надошта бошад ва пойдору мустаҳкам бимонад. Хуллас, ин манзараи бавуҷудомадаи хушоянд вобастагии моро аз берун хеле ночиз месозад.

«Саманд» аввалин худрави мо буд, ки комилан сохти эронӣ аст ва он боиси ифтихори миллати мост . Бо далели иштибоҳоти суръатгирифта ва адами дастёбӣ ба умқи сохти дохилии худ дар Эрон худравҳои ДЭУ натавонист пойдор бошад. Ин навъи мошинҳои куриёӣ, ки дар Эрон аз соли 1997 тавлид мегарданд, то охири соли ҷорӣ аз истеҳсолот берун кашида, «Саманд» ҷойгузини он мегардад.

**Мусоҳиб Т.ИКРОМОВ.**

# Роҳҳоро «Дунё М.» боз мекунад

***Дар арафаи баргузории намоишгоҳ ва рӯзҳои ба амал омадани он ширкати муштараки Ўзбекистону Эрон «Дунё М.» дар маркази диққат қарор дошт, зеро дар доир намудану корҳои иҷроии он маҳз мудирияти ин ширкат нақши муҳим дошт. Аз ин боис беҳтарин натиҷагириро аз намоишгоҳ низ иҷрогарони он карданд.***

***Мудири омили «Дунё М.» Мӯҳсин ҒУЛОМӢ ҳамзамон мудири баргузории намоишгоҳи номбурда низ буд, ки бардошти худро аз он ба хабарнигори «Овози тоҷик» Т.Ховарӣ нақл намуд.***

**—Оқои Ғуломӣ, муҳимтарин натиҷагирӣ аз барпо шудани чунин намоишгоҳи махсуси созандагони қисмҳои эҳтиётӣ, ки шумо онро қатъаот меномед, чӣ буд?**

—Санади ҳамкорие, ки байни Автосаноати Ўзбекистон ва Анҷумани созандагони қатъаот ва лавозими худрав (мошин)-ҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон ба имзо расид, фикр мекунам, ҳусни ниҳояти ин заҳматҳо буд, ки дар чанд рӯзи намоишгоҳ кор ба он оид шуда буд. Бояд арз кунам, ки ширкати муштараки «Дунё М.» ба ҳайси ҳамоҳангсози муколамаву мукотибот ва мусоидсози шароитҳои тарафайн дар ҳуҷҷати мазкур ёд мешавад.





Дар заминаҳои равғани хӯрокӣ, равғани мотору филтру чарх ва шишаи худравҳо, шишаи сохтмон истиқболи ҳамкориҳо хуб ба назар мерасанд. Баъзе аз ин маҳсулот ба шакли нимсохт ба Ўзбекистон оварда мешавад ва баъд такмил мегардад. Ба ҳар ҳол аз тарафи масъулон ва мардум намоишгоҳ хуб истиқбол гардид ва дар риштаҳои гуногуни тахассусӣ мулоқотҳо анҷом ёфта, музокироти ширкатҳои алоқаманд ва ширкаткунанда ба амал омад ва ин ҳама ба мо навиде овард, ки аз самари ин намоишҳои саноеъ ва технологияҳои хурду миёна умеди калон намоем.

Дар таи се соле, ки дар ин кишвар ҳастам, эҳсос кардам, ки ҷониби Ўзбекистон аз таъсиси воҳидҳои корхонаҳои саноатӣ хуб истиқбол менамояд. Сафоратхонаи Эрон дар Ўзбекистон, масъулони мо ва ҷониби Тошканд бар ин ақидаанд, ки аз доираи тиҷорат ва ҳамлу нақлу хариду фурӯш ба ҳалқаи тавлид гузарем.

Дар намоишгоҳ аз ҷониби тавлидсозандагони Ўзбекистон таваҷҷӯҳ ба сафолҳои каф ва девор (кошиҳо)-и лавозими хонагӣ зоҳир гардид, ки ба эҳтимоли қавӣ дар ин заминаҳо низ инчунин корхонаҳо ба роҳ гузошта шаванд. Чанде аз мудирони ширкатҳо иқомати худро дар Ўзбекистон тамдид намуданд, зеро ки ин чанд рӯзи намоишгоҳ барои мулоқоту имзои қарордоду аҳдномаҳо басанда набуд, ки ин ҳам далели азми ҷиддии онҳо барои ҳамкорӣ мебошад.





Мӯҳсини **ҒУЛОМӢ** (дар рост) ва корманди Анҷумани созандагони қатъаот ва лавозими худравҳои Эрон Алиқулии **ЛОМЕЪӢ** рӯзҳои намоишгоҳ барои сархорӣ вақт надоштанд.

**—Дар се соли кор дар Ўзбекистон, албатта, бо муҳиту низомҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ ошно шудед ва оё муваффақ гаштед, ки дар бобати ҳамкории ду кишвар саҳм бигиред?**

—Дар ин солҳо талош кардем, ки роҳеро интихоб намоем, ки ба усулияти иқтисодӣ ва меъёрҳои Ўзбекистон бихонад ва дар бахши худравсозии саноати ин кишвар муфид бошад. Бахше қатъаоти корхонаҳои Ўзбекистонро ба Эрон фиристодем ва ҳамчунин лавозими худравҳои сохти Эронро ба Ўзбекистон овардем. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки қатъаоти ҳамдигар то баргузории намоишгоҳ дар шароити имрӯз мавриди озмоиши тарафайн қарор гирифта буд. Ва ҳатто бахше аз онҳоро ҳоло қарор гардид, ки муштаракан дар Ўзбекистон тавлид намоем. Мутахассисони мо пас аз боздид аз корхонаи худравсозии ЎзДЭУ, ки зимни намоишгоҳ даст дод, тасаввуроташон аз ин саноати Ўзбекистон муассиртар гардид.

Инчунин дар назар аст, ки дар се моҳи наздик тавлиди анвои дастмолҳои коғазиро ба роҳ гузорем. Пас аз ба баҳрабардорӣ расидани ин корхона соле 12 млн. қитъа коғазҳои дастмоли гуногун истеҳсол мегардад, ки барои он 700 ҳазор доллар сармоя гузоштем. Ва дар оянда дар бахши тавлидотӣ бо ширкатҳои Ўзбекистон ҳамкориҳоро вусъат хоҳем дод.

Барои ман муҳити Ўзбекистон бегона нест ва аз ин боис дар ин ҷо эҳсоси аз Ватан дуриро надорам, ки дар фаъолияти ман омили муҳим аст. Фикр мекунам ин муҳити ошно калиди тавфиқи кори ман дар ин кишвар гаштааст.

# Боздидкунандагон мегӯянд, ки...

Аз боздиди намоишгоҳи махсуси «Технологияи хурду миёнаи Ҷумҳурии Исломии Эрон» одамони касбу кори гуногун таассуроти мухталиф бардоштаанд. Агар барои шахси тахассусӣ ин технологияҳо аз бисёр ҷанбаҳои илмӣ ва фаннӣ бозгӯӣ кунанд, барои бинандаи оддӣ он ҳама қитъаҳои оҳанӣ ва манзараи перостаи ғурфаҳо ороиши муқаррариро мемонд.

—Аз дидани ин қисмҳои эҳтиётӣ ва ҳама гуна лавозими саноати автомобилсозӣ донистам, ки Эрон дар ин ҷода хеле пеш рафтааст, —арзи таассурот мекунад номзади улуми иқтисодӣ **Ҷӯраҷон Охунҷонов**.—Дар айни замон Ўзбекистон барои ба роҳ андохтани чунин корхонаҳо, ки мошинҳои сохти худро бо қатъаот таъмин намояд хеле ниёз дорад. Вагарна аз лиҳози иқтисодӣ вобастагии ЎзДЭУ коҳиш нахоҳад ёфт. Ё худ микроавтобусҳои корхонаи муштараки «СамКочАвто»-ро бигирем, ки ҳоло ҳамагӣ 38 фоизи қисмҳои он дар Ўзбекистон сохта мешавад.

Боздидкунандаи дигари намоишгоҳ ронанда **Пӯлод Ҳамидов** мисле ки тавонмандии саноатии Эронро барои худ тоза кашф карда буд.

—Ман 6-7 сол қабл аз ин аз намоишгоҳи Эрон дар Тошканд боздид намуда будам ва ҳоло зарфияти иқтисодии онро дар ин намоишгоҳ дида, боварӣ ҳосил кардам, ки ин ду намоишгоҳ қобили қиёс нест. Ман, ки ҳамеша бо мошин сару кор дорам, медонам, ки ба ин лавозими техникӣ дар мо чӣ гуна ниёз мавҷуд аст.



Қисмҳои асосии «Пежо-206» ҳанӯз аз Фаронса меояд.

Суратҳо аз: **Р. АКБАРАЛИЕВ.**

